## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ - иҷтимоӣ)» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ)**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои фалсафа (09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ) С. Ҷононов (раиси комиссия), доктори илмҳои фалсафа (09.00.03 – Таърихи фалсафа) Б.Ҷ.Самиев (аъзо), доктори илмҳои фалсафа (09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) Зиёев И.Ғ. (аъзо) диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодурро, ки дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ – иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, муайян намуд, ки:

1. Диссертатсия ба яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи имрӯзаи ҷумҳурӣ ифротгароии динӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқ хеле амиқу дақиқ сабабҳои асосии пайдоиши ифротгароии диниро ошкор, роҳҳу воситаҳои асосии мубориза алайҳи онро аз диди назари иҷтимоӣ-фалсафӣ асоснок намудааст. Ташхиси диссертатсия нишон дод, ки муаллиф тавонистааст дар рафти таҳқиқи ҳаракатҳои ифротии динӣ, бунёдгароии динӣ ва таҳлили шабакавии фаъолияти иғвоангези ифротгароиёнро аз асарҳои илмии муҳаққиқони аврупоию рус ва олимони ватанӣ хеле фаровон истифода барад. Диссертант дуруст таъкид, ки бо вуҷуди зиёд будани таҳқиқотҳо роҷеъ ба ин мавзуъ, табиат ва хусусиятҳои зуҳури ифротгароии динӣ то ба имрӯз ба таври кофӣ таҳқиқношуда боқӣ мондааст.

Аз таҳлили рисолаи мазкур бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ифротгароии динӣ ба падидаи хавфзои ҷамъиятӣ табдил ёфта, ба равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеа мустақиман таъсир мерасонад. Ҳамзамон, муаллиф

ифроз менамояд, ки махсусан дар давоми ду даҳсолаи охир ифротгароии динӣ сабаби пайдоиши терроризм ва тундгароии хушунатомез гардидааст. Арзиши кор аз он иборат аст, ки диссертант ифротгароии диниро дар робита бо ҳалли мушкилоти ифротгароии динӣ дар кишварҳои муосири рӯ ба инкишоф таҳқиқ карда, амалишавии онро бо далелҳои боэътимод ва манбаъҳои муътамади илмӣ асоснок намудааст.

Натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро минбаъд дар таҳқиқоти илмии масоили соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсатшиносӣ, инчунин, ҳангоми таҳия кардани дастурҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба масъалаҳои муосири илмҳои иҷтимоӣ истифода бурдан мумкин аст. Илова бар ин, мавод, натиҷа ва хулосаҳои бадастомада барои дар амал истифода бурдани роҳу воситаҳои мубориза бо терроризму ифротгароии динӣ ва фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ низ муфид аст.

Аз ин рӯ, комиссияи экспертӣ ба хулосае омад, ки диссертатсияи ташхисшаванда на фақат дорои арзиши назариявӣ, балки амалӣ низ мебошад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертант тавонистааст, ки объект ва мавзӯи таҳқиқро дар алоқамандӣ бо мақсади таҳқиқот, ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути асосҳои назариявию методологӣ онҳоро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Пайдарҳамии мантиқии фикр дар зербобҳои диссертатсия риоя шуда, андешаҳои муаллиф аз ҷиҳати илмӣ ва бо сарчашмаҳои боэътимод асоснок карда шудаанд. Бо назардошти ҳамин хусусият, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда бо шиносномаи ихтисоси 09.00.11- Фалсафаи иҷтимоӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ

тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 4 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

5. Дар диссертатсияи М.Муллоботур истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудаанд, ки ба меъёрҳои муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ мувофиқ аст ва аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

6. Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи банди 61-и «Низомномаи шурои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи «Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ – иҷтимоӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ), ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Қаххоров Ғаюр Ғафурович- доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии Шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.М. Баҳоваддинови АМИТ;

- Раҳматов Убайдулло Нематович - номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

3. Пешниҳод карда мешавад, ки ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
Доктори илмҳои фалсафа,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — С. Ҷононов

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Б.Ҷ. Самиев

доктори илмҳои фалсафа,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — И.Ғ. Зиёев